# 34762 - Ҳадиси "Касе, ки як рӯз ба эътикоф нишинад ... ". Эътикофи як рӯза кай бояд оғоз шавад?

**савол**

Ҳадиси "Касе, ки як рӯз ба хотири розигии Аллоҳ эътикоф нишинад, Аллоҳ ӯро аз дӯзах се хандақ дур мегардонад, ки масофаи ҳар як хандақ ба монанди масофаи машриқу мағриб аст". Кӣ ин ҳадисро ривоят кардааст ва дараҷаи ин ҳадис чӣ гуна аст? Агар касе бихоҳад, ки як рӯз ба эътикоф нишинад, эътикоф кай бояд оғоз шавад ва кай бояд ба поён бирасад? Инчунин агар касе бихоҳад, ки ду рӯз ба эътикоф нишинад, эътикоф кай бояд шурӯъ шавад ва кай бояд ба охир бирасад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадис заиф аст. Эътикофи як рӯза баъд аз намози бомдод оғоз мешавад ва баъди нишастани офтоб ба охир мерасад. Эътикофи ду рӯза низ ҳамин тавр аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.